# Истиқболи Наврӯз дар Кумитаи забон ва истилоҳот

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 20 Март, 2018 - 14:49
[1]

Дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарият ва кормандони Кумита рӯзи 20-уми марти соли равон бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯз чорабинии идона баргузор гардид. Саҳну толор ва роҳравҳои Кумита

бо шиору байтҳои Наврӯзӣ ва дастархони рамзии идона оро дода шуданд, ки ба ҳар бинандаву меҳмонон рӯҳу илҳоми тоза мебахшид.

Чорабиниро раиси Кумита Гавҳар Шарофзода ифтитоҳ намуда, аз таъриху пайдоиш ва қадимияти ин ҷашни фархундаи аз ниёгонамон ба мо меросмонда, ки имрӯз ҷаҳонӣ гардидааст, суханронӣ намуд. Сипас, Муовини раиси Кумита ва роҳбарони сохторҳои Кумита дар мавзӯъҳои гуногуни ҷанбаи фарҳангиву маърифатидошта ва инсондӯстиву ваҳдатсароии Наврӯзи оламафрӯз сухан карда, дар васфи баҳору Наврӯз шеъру ғазалҳо қироат карданд.

Дар анҷом кормандон ба ду гурӯҳ тақсим шуда, байтбаракхонӣ карданд, ки ин яке аз суннатҳои фарҳангии Наврӯзи тоҷикон аст.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 3

Баҳои миёна: 3 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

---

**Манбаъ::**http://www.istilohot.tj/tg/content/istikboli-navruz-dar-kumitai-zabon-va-istilokhot?mini=2025-09&page=43

**Пайвандҳо**
[1] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/WP.jpg [2] http://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7